# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география). – шаҳри Душанбе. – 2025. – 8 с.

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Интихоби мавзуъ, моҳияти таҳқиқот ва муҳтавои меҳварии диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода мутобиқ ба талаботи се банди зерини шиносномаи тахассуси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мебошад:

1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, хок, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин;

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқотӣ.** Табиат, унсурҳои табиӣ ва муҳити табиӣ дар ҳаёти инсоният сарчашмаи ҳаёти моддӣ, асоси фаъолияти зиндагӣ, саломатӣ, зебогии табиату истироҳат, соҳаи сайёҳию фаъолияти рекреатсионӣ буда, боқӣ мемонад.

Аз тарафи дигар одамон дар раванди истифодабарии табиат ва унсурҳои он ба муносибатҳои махсус сару кор доранд. Вале инсон дар раванди фаъолияти қонеъгардонии талаботҳои худ на ҳама вақт ба унсурҳои табиат муносибати одилона ва илман асоснокро риоя менамояд. Бо ин сабаб дар бисёр маврид захираҳои сайёҳию рекреатсионии табиӣ, таърихӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, қалъаҳо, мавзеъҳои зисту зиндагонии қадима, фарҳанг, анъанаҳои миллӣ, рафтору одоби муошират аз байн рафта истодаанд ва дастраси сайёҳон намегарданд.

Аз ин нуқтаи назар интихоби мавзуи таҳқиқотӣ мубрамияти калони илмию методологӣ дошта, ҳалли он яке аз проблемаҳои муҳим ва саривақтӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Таъсири бемайлони инсонро ба унсурҳои табиат ва геоландшафтҳо ба назар гирифта, диссертант Каримӣ Мадина Давронзода парваришгоҳи “Дараи Сабз”-ро ҳамчун объекти эталонӣ барои омӯзиши илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкили ҳудудии сайёҳии экологӣ интихоб кардааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия исботи илмии самтҳои асосии такмили механизми ташкил ва рушди устувори сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз”, ҳамчун навгониҳои илмии таҳқиқот ба мушоҳида мерасад. Диссертант давоми таҳқиқот дафъаи нахустин ба масъалаҳои таҳқиқи маҷмуавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, ҳамчун объекти табиӣ ва сайёҳӣ, арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди сайёҳии

экологӣ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, таҳияи харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (парваришгоҳи "Дараи Сабз"), омӯзиши таъсири бевосита ва мутақобилаи сайёҳии экологӣ ба муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда тавачҷуҳ намуда, дар ин замина таҳқиқоти муфассали илмӣ гузаронидааст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия ҳамагӣ чор банди мушаххас ва мукаммалро дар бар мегиранд, ки аз муайянсозии сохтор, ҳолат ва хусусиятҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ҷиҳати таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии мавҷуда ва ғайраҳо таркиб меёбад. Инчунин, диссертант дар самти истифодаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд дар мисоли парваришгоҳи "Дараи Сабз" ҳадафи маҳдуд кардани таъсироти манфӣ ба муҳити зистро дар заминаи асосҳои илмӣ баррасӣ намудааст. Ӯ дар натиҷаи омӯзиши таъсири сайёҳии экологӣ ба устувории геоэкологии маҳал имконияти муайянсозии сатҳи муътадили таъсир ба муҳити зисти ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз"-ро аниқу дақиқ кардааст, ки имконияти таҳияи тавсияҳои мушаххас ҷиҳати рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғдро фароҳам овардааст.

Муҳтаво, мақсад ва вазифаҳои асосии дар диссертатсия инъикосёфта, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, моҳияти нуктаҳои меҳварии илмиро иборат мебошад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Таҳлили систематикии адабиётҳои мавҷудаи илмӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ, истифодаи усулҳои маъмули таҳқиқоти саҳроӣ тавассути экспедитсияҳои илмӣ ва ташхиси лабораторӣ аз маърӯзаи натиҷаҳои таҳқиқот дар ҳамоишҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ ва интишори онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аён мегардад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар қисмати муқаддима муаллиф бо баёни мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқотӣ мақсад, ҳадафҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомадаро муайян ва асоснок менамояд.

Дар боби якуми диссертатсия **"Заминаҳои илмӣ-методологии ташкили сайёҳии экологӣ, омили рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда"** алоқамандии омил ва қонуниятҳои географии рушди сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро омӯхта, натиҷаи таҳқиқоти илмию методии олимони ватанӣ ва хориҷиро (саҳ.11-26) таҳлили илмӣ намуда, дар асоси маълумотҳои рақамию омории муассиса ва ташкилотҳои соҳавии давлатии ҳифзи табиат, корхонаҳои сайёҳӣ ва рекреатсиониро тадқиқ намуда, диссертант афзудааст, ки сол аз сол масъалаҳои ҳифзи муҳити зист мураккаб гаштаанд ва дар бист соли охир қариб 250 намуди растаниҳо, 90 намуди ҳайвонҳои ширхӯр, 300 намуди паррандаҳо, 65 намуди хазандаҳо, 40 намуди моҳиҳо, ки ба тамошои онҳо

сайёҳон вориди Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд, дар ҳолати нестшавӣ қарор доранд ва онҳо ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид карда шудаанд. Шумораи зиёди онҳоро дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дида намешаванд. Бо ин сабаб диссертант таҳқиқоти асосиро ба проблемаи рушди сайёҳии экологӣ равона кардааст, ки асоси мубрамияти таҳқиқоти илмии диссертатсия гардидааст. Таҳлили илмию методӣ шоҳиди онанд, ки дар қисматҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маконҳои дастнораси табиии беҳамто, манзараҳои зебои диққатҷалбкунандаи таърихӣ то ҳол вайрон нашудаанд. Олами нотакрори наботот ва ҳайвоноти минтақаҳои ҳифзшаванда геоландшафтҳои дилкаш мавҷуд аст, ки яке аз онҳо парваришгоҳи “Дараи Сабз” буда, аҳамияти калони ташкили ҳудудии сайёҳии экологиро доро мебошад. Ҳамчун объекти муқоисавии саёҳати экологӣ интихоб кардааст, ки он масоҳати на он қадар калонро дар бар мегирад (18 ҳаз. 267 га) дар доираи “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2018, №372 қабул шудааст, раванди таҳлили илмӣ кори диссертатсиониро ба иҷрои қарорҳои он бахшида шудааст. Дар муайян намудани мафҳум ва мундариҷаи сайёҳии экологӣ диссертант фикру ақидаи олимони соҳаи сайёҳии ватанӣ ва ҷаҳониро таҳлил намуда, (саҳ.13, 15) ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ кардааст. Муаллифи рисола қайд менамояд, ки аввалин шуда иқтисодчӣ ва экологи мексикоӣ Гектор Себаллос-Ласкурейн мафҳуми “сайёҳии экологӣ”-ро дар илми ҷаҳонӣ ворид сохтааст. Минбаъд садҳо тадқиқотчиён бо мафҳуму мундариҷаи он фикру ақидаҳои илмию назариявӣ пешниҳод кардаанд.

Диссертант дар саҳ. 13 диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки вожаи “сайёҳии экологӣ” аслан ба илми экология иртиботи қавӣ надорад, зеро ин вожа ва амал як намуди таъсири бевосита ва бавосита ба муҳити зист мебошад. Аз мафҳум ва вожаҳои зиёди дар рисола таҳлилгардида пешниҳоди В.В. Храбовченко, А.В. Бабкин, ки чор хели сайёҳии экологиро пешниҳод намудаанд, ба шароити ташкили ҳудудии сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело наздик мебошад. Аксари пайроҳаҳои сайёҳии ҷумҳурӣ ҷавобгӯи ин чор хел намуди сайёҳии экологӣ мебошанд, яъне сайёҳии илмӣ, саёҳат дар фазои ёдгориҳои таърихии табиӣ, саёҳати саргузаштӣ ва саёҳат дар мавзеъҳои ҳифзшаванда, дар оянда ба ин хелҳо “саёҳати кишоварзӣ” ё “агросайёҳӣ” низ ба намуди “сайёҳии экологӣ” дохил мешавад. Дар саҳифаи 31-38 ҷадвалҳои раддабандӣ ё ноҳиябандии бо нишондоди захираҳои гуногуни хел ва намудҳои сайёҳии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, бо номгӯйи мамнуъгоҳҳои табиии давлатӣ, резервати биосферӣ таҳлили илмӣ намуда, хусусиятҳои фарққунандаи онҳоро пешниҳод кардааст.

Боғҳои миллӣ ва табиию таърихӣ, парваришгоҳҳо, ёдгориҳои табиӣ бо нишондоди масоҳат ва андозаашон гирд оварда шудааст, ки ин амал барои рушди хелҳои гуногуни сайёҳии комплексӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Боби дуюми диссертатсия ба **“Тавсифи табиӣ – географии ландшафтҳои экосайёҳӣ - рекреатсионии вилояти Суғд”** бахшида шуда,

аз ҷониби диссертант тавсифи муфассали шароити табиӣ-географӣ, геоэкологии минтақа, имкониятҳои нигоҳдории гуногуннамудии табиии онҳо аз нуқтаи таҳқиқоти хосаи илмӣ мавриди омӯзишу таҳлилҳои ҳамаҷонибаи геоэкологӣ қарор дода шудааст.

Шарҳи муфассали маълумоти мавҷуда доир ба хусусиятҳои табиию геоэкологии вилояти Суғд, ки қисми ғарбии водии Фарғона, бо даштҳои доманаи кӯҳҳо ва нишебиҳои пуштаҳои назди он, инчунин водии Зарафшонро фаро мегирад, барои асоснок гардонидани мавзуи таҳқиқотӣ баён гардидааст, ки нисбати муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда нақши хоса дорад. Диссертант Каримӣ М.Д. аниқ намудааст, ки офатҳои табиӣ ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва ҷараёни сайёҳии экологӣ таъсири баланд дорад. Масалан, муҳити хатарафзои тармафаромӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд дар ҳудуди парваришгоҳҳои "Зарафшон" ва "Дараи Сабз" ба қайд гирифта шудаанд. Ҷадвали 2.3, 2.4 саҳифаҳои 60-63 ва расми 2.10 барои тартиб додани хатсайрҳои гуногун аҳамияти калон доранд.

Муҳтавои боби сеюм **"Арзёбии захираҳои табиӣ - геоэкологии парваришгоҳи "Дараи Сабз" бо мақсади ташкили сайёҳии экологӣ"** аз инъикоси маълумоти муфассал доир ба тавсифи захираҳои табиии парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва натиҷаҳои таҳлили чуқуру ҳамаҷонибаи шароити табиӣ-географӣ таркиб ёфтааст. Ғайр аз он, диссертант Каримӣ М.Д. дар заминаи арзёбии захираҳои мавҷудаи табиӣ ва имкониятҳои рекреатсионӣ масъалаи ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар объекти таҳқиқот омӯзишу таҳқиқро амалӣ намудааст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки иқтидори табиӣ - захиравии парваришгоҳи "Дараи Сабз" тавассути якчанд меъёру дараҷаҳо (шароити табиӣ-географӣ, геоэкологӣ, геологӣ, ландшафтӣ, хок, олами набототу ҳайвонот, сарватҳои обӣ ва рекреатсионӣ) ҳамаҷониба арзёбӣ гардидаанд ва ҳудуди минтақаи таҳқиқшаванда бо ландшафти гуногунранги худ қадами нахустин дар самти сайёҳии экологӣ буда, таҳқиқоти илмиро ҷиҳати ташкил ва рушди дурнамои он асоснок менамояд.

Дар боби мазкур харитаи паҳншавии фазогии арчаҳо вобаста ба баландӣ аз сатҳи баҳр бо истифода аз барномаи QGIS, ки аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст, инъикос ва таҳлил мегардад, ки паҳншавии фазогии арчаҳо тақрибан 5%-ро арчаҳои туркистонӣ *(Juniperus turkestanika)*, 20%-ро арчаҳои зарафшонӣ *(Juniperus seravschanika)* ва боқимонда 75%-ро арчаҳои нимкурашакл (саурарча) *(Juniperus semiglobosa)* нишон медиҳад.

Ӯ муайян кардааст, ки яке аз шартҳои асосии рушди сайёҳӣ таъмини бехатарии сайёҳон дар тӯли хатсайрҳо маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар ҷараёни таҳқиқот ҷиҳати эҳтимолияти таъмини амнияти сайёҳон мавқеи ҷойгиршавӣ, рафтор ва хусусиятҳои биологӣ, самти ҳаракати ҳайвоноти вуҳуши парваришгоҳ ва хусусиятҳои дигар мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Инчунин, дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои омӯзиш, хусусан дар доираи самти ҳаракат ва ҷойгиршавии ҳайвоноти парваришгоҳ ошкор гардидааст, ки макони ҷойгиршавии олами ҳайвонот ба

пешбурди сайёҳии экологӣ дар хатсайрҳои пешниҳодгардида манбаи хатар шуда наметавонад.

Ҷиҳати таъмини устувории геоэкологии маҳал диссертант Каримӣ М.Д. исбот менамояд, ки бо сабабҳои ҳаракати тектоникии минтақа дар баъзе нуқтаҳо эҳтимолияти оғози ҷарипайдошавӣ ба мушоҳида мерасад. Аниқ карда шудааст, ки дар тамоми масоҳати минтақаи мазкур дар болои ҷинсҳои делювиалӣ, пролювиалӣ ва аллювиалӣ пӯшиши хокии тавонoиаш 6-13 см мехобад, ки аз тағйироти геологӣ, шароити геоэкологӣ ва муҳити экологӣ дарак медиҳад. Эҳтимол меравад, ки дар алоқамандӣ бо релефи маҳал давоми солҳои тӯлонӣ ба хелҳо ҷудошавии заррахои андозаашон гуногун ба амал омада, тадриҷан омилҳои табиӣ ба пайдошавии заррачаҳои ҳосилхези хок тавассути шамол, намӣ, пӯшиши наботот, олами ҳайвонот, ҳарорат ва ғайраҳо дар болои ҷинсҳои геологӣ мусоидат кардааст.

Натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқотӣ тавассути мушоҳидаҳои саҳроӣ, ченкуниҳо, омӯзиши хусусиятҳои морфологӣ, геоэкологӣ ва педосферӣ ба диссертант Каримӣ М.Д. имконият додаанд, ки арзёбии сабабҳои бавуҷудоӣ ва ташаккули хосиятҳои ҷудогонаи мавзеи мазкури объекти таҳқиқотӣ эҳтимолиятҳои муайянро дар доираи назарияҳои илмии мавҷудаи соҳавӣ муайян намояд.

Диссертант Каримӣ М.Д. дар боби чорум **“Имкониятҳои ҳуқуқӣ ва экологӣ - иқтисодии рушди сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда”** омӯзиш ва таҳлили худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда”, барои муайян намудани иқтидори сайёҳии мавзеъҳо, ташкили ҳудуди натиҷаҳои иқтисодии ҳудудҳои табиӣ ва муқаррар намудани вазифаҳо, низоми фаъолият ва ноҳиябандӣ таҳлил намудааст, ки натиҷаи омӯзиш барои рушди иқтисодиёти сайёҳӣ аҳамияти калон дорад.

Диссертант дар ин боб қайд менамояд, ки объектҳои табиӣ дорои аҳамияти ташкили ҳудудии сайёҳии илмӣ, таърихии табиат, саргузаштӣ, тарзу усули ташкили сайёҳӣ дар ҳудуди минтақаҳо ва резерватҳои табиӣ, ки ҳар кадом хусусиятҳои хос ва равияҳои гуногуни сайёҳии экологиро доранд, аз ҷумла экологӣ, ботаникӣ, зоологӣ, геологӣ, ғоргардӣ, обӣ, кӯҳӣ, этнографӣ, археологӣ, экологӣ-маданӣ, агроэкологӣ, дар диссертатсия қайд гардидаанд. Географияи ҷойгиршавии онҳо дар нақшаҳо ва матнҳои бобҳо мақсад ва асоси худро ёфтаанд.

Дар саҳ. 115 зербоби 4.2 “Принсипҳо ва имкониятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудуди табиии парваришгоҳи “Дараи Сабз” мазмун ва мундариҷаи ташкили хатсайрҳо, талабот барои ташкили онҳо ва тартиб додани “Барнома ва нақшаи менеҷмент” талаботҳо пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, хатсайри “Хуҷанд – Дараи Сабз” саҳ. 123, “Душанбе – Дараи Сабз”, “Панҷакент – Дараи Сабз”, “Хоруғ - Дараи Сабз” ба нишондодҳои объектҳои асосии тамошобоб, ки дар мазмун ва мундариҷаи онҳо объектҳои табиӣ, геоландшафтҳо, экосистемаҳои миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, мамнуъгоҳҳои антропологии тарзи зисту зиндагонии қабилаҳо ва сокинони маҳаллӣ дарҷ гардидаанд, ки ин хели омӯзиш ва тадқиқоти илмӣ ва методҳои ташкили

сайёҳроҳҳо бори аввал дар маводҳои таҳқиқоти диссертант таҳлили илмии худро ёфтаанд.

Дар зербоби 4.4 ҷанбаҳои болоравии сатҳи иқтисоди аҳолии атрофи парваришгоҳи “Дараи Сабз” таҳлил гардидааст. Таҳлили маводҳои аз аҳолии маҳал гирдовардашуда нишон медиҳанд, ки қисми зиёди маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқи маҳалҳоро сайёҳон харидорӣ менамоянд, ки он барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ ва алоқамандии аҳолии маҳал бо сайёҳонро рушд медиҳанд ва он барои ташкили ҳудудии сайёҳии агротуризм заминаи устувор мегузорад.

Диссертант ба таҳлили масъалаҳои ҷаззобияти фаъолияти аҳолии деҳа дахл намуда, қайд менамояд, ки ноошноӣ бо рафтору ҳаракатҳои баъзе аз ҳайвонҳои минтақаҳои кӯҳӣ, аз ҷумла асп, ҳайвонҳои калони ширдиҳанда, зоти бузу гӯсфандони гуногун, овози дилхароши онҳо, хусусияти экологӣ ва меъмории хонаю ҷойи зисти аҳолӣ ва ҳайвонҳои хонагӣ, хусусияти географӣ ҷойгир намудани онҳо дар маҳалҳо, тозаю озодагии хонаву ҷой, зарфҳои гуногуни истифодаи хоҷагии аҳолии деҳот, коркарди шир ва ба дигар маҳсулотҳо табдил додани онҳо, тарзу усули пухтан ва тайёр намудани хӯрок шавқу завқи сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб мекунанд.

Дар диссертатсия таҳлил ва дарҷи ин омилҳо бори аввал таҳлили илмии худро ёфтаанд, ки ин барои ташкилкунандагони ташкилотҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ аҳамияти калони илмӣ доранд, чунки ҳар минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионии ҷумҳурӣ аъанаҳои зисту зиндагии худро доранд ва бо мурури замон онҳо бо захираҳои сайёҳӣ ва рекреатсионии ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

Дар зербоби 4.5 “Дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ дар парваришгоҳи “Дараи Сабз” диссертант дар ҷадвали 4.6 саҳ. 143-144 маҷмуи тадбирҳои таъминотии рушди сайёҳии экологиро барои дурнамо тартиб додааст, ки дар мазмун ва мундариҷаи он номгӯи тадбирҳо таҳлил намуда, иборат аз шаш масъалаҳои асосӣ пешниҳоди илмӣ кардааст, ки барои дурнамои рушди устувори сайёҳии экологӣ, таҳияи хатсайрҳои махсуси сайёҳии экологӣ, таъсиси марказҳои махсуси хизматрасонӣ дар макони мавзеъҳои саёҳат, бунёди корхонаҳои гуногун, мағозаҳо, фурӯши тӯҳфа, армуғон ва пухтани хӯрокҳои парҳезӣ, ки рушди сайёҳиро талаб менамояд.

Ин пешниҳодҳои диссертант маҷмӯи тадбирҳое мебошанд, ки ба талаботи стратегии давлатӣ рушди равияҳои гуногуни сайёҳӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Дар қисмати хулосавии диссертатсия дар асоси маводҳои таҳқиқот гузаронидашуда, як қатор хулосаву тавсияҳои муаллиф нишон дода шудаанд, ки мувофиқи андешаи инҷониб истифодаи онҳо ба рушди босуботи сайёҳии экологӣ нақши муайян мегузоранд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ-назариявии таҳқиқот дар ташаккули моҳият ва мазмуни равияи нави илмӣ барои фаҳмиши нақши сайёҳии экологӣ дар системаи истифодаи устувори захираҳои табиӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои рисола имконият медиҳад, ки равандҳои ҳамкории байни фаъолияти ширкатҳои

сайёҳӣ, мақомотҳои давлатии ҳифзи захираҳои табиӣ ва ҳаёти анъанавии аҳолии маҳаллӣ аниқу дақиқ дарк карда шаванд. Таҳқиқот робитаи байни ҳифзи гуногуншаклии биологӣ, рушди устувори захираҳои геоэкологии ҳудудҳо ва рушди иқтидори рекреатсиониро ошкор менамояд, ки ба рушди самтҳои илмии географияи сайёҳӣ, экологӣ, рушди иқтисоди минтақавӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои рисола метавонанд дар фаъолияти амалии мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои ҳифзи муҳити зист, агентии рушди сайёҳӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ғайраҳо бевосита дастурамали соҳавӣ шуморида шавад. Инчунин, татбиқи тавсияҳои амалӣ, ки дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудаанд, метавонад ба рушди соҳибкории хурду миёна, бахусус дар соҳаҳои сайёҳии экологӣ ва агросайёҳӣ саҳми назаррас гузорад, ки ба баланд шудани сатҳи даромади аҳолии маҳаллӣ таъсири мусбат расонида, рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои дурдастро ҳавасманд менамояд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии илмӣ, хулосаҳои калидӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни фаъолияти илмию тадқиқотӣ таҳия шудаанд, дар 24 мақолаи илмии нашршуда ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд. Аз ин шумора 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба табъ расидаанд. Нашри ин мақолаҳо дар чунин маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ далели сатҳи баланди аҳамияти илмӣ ва навоварии таҳқиқоти гузаронидашуда мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Автореферати рисолаи диссертатсионӣ дар маҷмуъ тамоми мундариҷа ва муқаррароти асосии кори рисоларо инъикос мекунад. Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мантиқан мазмуни ҳамсон доранд. Автореферат, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди он, ки ҷиҳати мазмун ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ ва таҳлили маълумотҳо баҳои мусбат баён шуда бошад ҳам, диссертатсия дорои як қатор нуқсону камбудиҳост, ки хусусияти тавсиявӣ доранд:

1. Дар адабиётҳои илмию методӣ мафҳум ва мундариҷаи сайёҳии экологӣ таҳлили худро ёфтааст, аммо дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ кадоме аз онҳоро ташаккул додан мумкин аст, дар рисола муайян карда нашудааст.

2. Дар маводҳои таҳлилкардашуда оиди олами наботот ва ҳайвоноти вуҳуш сухан меравад, лекин кадоме аз онҳо диққати сайёҳонро ба худ зиёдтар ҷалб менамояд, дар хатсайрҳо дида намешаванд.

3. Дар рисола иқтидори сайёҳии экологии масоҳати "Дараи Сабз" барои қабули чанд нафар истироҳаткунанда пешбинӣ шудааст ва маблағи ҷамъоварӣ карда шуда, аз сайёҳон барои кадом намуди фаъолиятҳо сарф карда мешаванд, омӯхта нашудааст.

4. Таъсири ҳодисаҳои глобалӣ ба ҷузъиётҳои "Дараи Сабз" кадомҳоянд, оиди ҳифз ва бақарори онҳо чорабиниҳои мушаххас дар рисола баён нагаштаанд.

5. Дар мавриди сайругашт дар хатсайр омилҳои ташаккулёбии шуурнокӣ, донишандӯзӣ, таълимӣ, ватандӯстӣ ба амал меёбад, лекин дар диссертатсия таҳлили илмии худро наёфтаанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳамияти илмию амалии кори таҳқиқотии Каримӣ Мадина Давронзода ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамояд.

**Хулоса:** диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" кори мустақилона ва баитмомрасида ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонӣ, арзишҳои илмӣ-назариявию амалӣ мебошад. Мазмун ва мундариҷаи автореферат ба рисолаи диссертатсионӣ мутобикат дорад ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои географӣ, дотсенти
кафедраи географияи иқтисодӣ ва
иҷтимоии МДТ "Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ" — Диловаров Р.Д.

"17" 11 соли 2025

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ғафуров 32, хуҷраи 58
Тел.: (+992) 91-900-97-42
E-mail: rdilovarov@mail.ru

Имзои дотсент Диловаров Р.Д.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ" Қодирзода С.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: +992 (37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

"17" 11 соли 2025